**Мактуби иттилоотӣ**

оид ба гузаронидани конференсияи байналмилалӣ илмӣ-амалии дар Мавзӯи **«Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ»**

Кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкорӣ барои иштирок дар конференсияи байналмилалӣ илмӣ-амалии дар Мавзӯи **«Афзалиятҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалию инноватсионӣ»**, ки рӯзи **30 марти соли 2024** баргузор мегардад, даъват менамояд.

**Фарогирии мавзуии маърӯзаҳо:**

- Масъалаҳои назариявии иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ
- Рақамикунон, рақобатпазирӣ ва "иқтисоди сабз" мушкилотҳои нав ва муамоҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Муамоҳои (проблема) рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
- Шаклҳо ва усулҳои нави рушди сегонаи фундаменталӣ (асосӣ) "давлат, илм, бизнес" дар шароити саноатикунонии босуръат.
- Таъмини инфарасохтори рушди иқтисоди миллӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди индустриалӣ-инноватсиннӣ
- Масъалаҳои актуаллии иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ
- Таҳлили таҷрибаи ҷаҳоний ва ватании рушди индустриаллӣ-инноватсионнӣ

**Шакли иштирок:** маърӯзаи шифоҳӣ ва стендӣ. Маводҳои конференсия дар шакли маҷмуаи корҳои илмӣ дар низоми китобхонаи электронии РИНЦ ҷойгир карда мешаванд. Дархост барои иштирок ва ё матни маърӯза бояд то санаи 18 **марти соли 2024** ба Кумитаи тадорукот супорида шавад.

**Мушаххасоти техникии вироиши маърӯза.** Матнҳои ирсолшуда бояд пурра таҳриршуда ва ба талаботҳои техникии зерин ҷавобгӯй бошанд:

- саҳифаи - А 4, шакли китобӣ, ҳудуҳои саҳифа аз ҳама тараф - 20 мм;

- ҳуруф: шакл - Times New Roman, Times New Roman tj бо андозаи (кегли) - 14;

- сатри якум – ***ҳарфи авали ном ва номи падар, насаби муаллиф***, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, ҷойи кор (таҳсил), дар қавс шаҳр, вилоят – баробаркунии матн: дар тарафи рост;

-сатри дуюм – номи маърӯза **БО ҲАРФҲОИ КАЛОН** – баробаркунии матн: дар байни саҳифа;

-сатри сеюм-*шарҳи мухтасари мақола (то панҷ ҷумла) ва калидвожаҳо (то ҳафт калима)*;

- сатри чорум – матни асосӣ, ки дар таҳриргарӣ матнии Word ҳуруфчинӣ шудааст: фосилаи байнисатрӣ - 1,15, баробаркунии матн: бо паҳноии саҳифа; истифодаи ҳиҷобандии калимаҳо мумкин аст.

- рӯйхати адабиёт дар охири матн баъд аз калимаи «Адабиёт» оварда шуда, бо тартиби алифбо омода карда мешавад. Ҳуруфи оддӣ, андозаи 12, фосилаи - воҳидӣ.

- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда, ба таври зер омода карда мешаванд: [3, 25], ки дар инҷо рақами аввал – рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дувум саҳифаи он мебошад.

- ишораҳои шартӣ ва ихтисораҳое, ки дар матн во мехӯранд бо истифодаи аввалинашон тафсир карда мешаванд.

-ҳаҷми матни маърӯза бо формула, расм, ҷадвал ва рӯйхати адабиёт набояд аз 6 саҳифа зиёд бошад (Формулҳо бояд дар таҳриргарӣ формула сохта шаванд!).

**Маводҳои конференсия бо таҳрири худи муаллиф чоп мешаванд. Кумитаи тадорукоти конференсия ҳуқуқи гузаронидани таҳрири техникиро дошта, метавонад мақолаҳоеро, ки ба мавзӯъ мувофиқ нестанд ва ё бе риояи талаботҳои техникии пешниҳодгардида омода карда шудаанд ба муаллифон баргардонад. Маводҳое, ки барои ислоҳ ва пуррагардонӣ ба муаллифон баргардонида шудаанд, бояд то санаи 24 марти соли 2024 ба Кумитаи тадорукот ирсол карда шаванд.**

**Суроғаи кумитаи тадорукоти конференсия:**

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Нахимова 64/14.

**Тел.:**

(+992) 93-567 20-67 (Кодиров Ф.А.), e-mail: f.kodirov84@mail.

(+992) 986405050 (Нуридинов С.З.), e-mail: s.nuriddinov@tgfeu.tj

(+992) 900389996 (Акобирзода А.М.), e-mail: a.akobirzoda@tgfeu.tj

(+992) 937-50-77-35 Қурбонализода Д.Т. e-mail: davlatali.1998@mail.ru